**ДӮСТИИ ХАЛҚҲО: Саҳифаи нав дар таърихи Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон**

*“Рушди пайвастаи муносибатҳои кишварҳоямон ба манфиатҳои аслии мардумон ҷавобгӯ буда, ба таҳкими сулҳу субот ва шукуфоии тамоми минтақа мусоидат хоҳад кард”*

Эмомалӣ Раҳмон

Санаи 31 марти соли 2025 аз ҷониби се кишвари ҳамсоя Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон Шартнома дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се кишвар ва Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ ба имзо расид. Ин созишнома, на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун як намунаи таҳкими субот ва ҳамкории ҳамаҷониба хеле муҳим буд.

Дӯстии кишварҳо ва фаъолиятҳои самарабахши муштарак манбаи рушди устувор ва амиқи иқтисодӣ буда, ба ҳаёти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсии ин кишварҳо таъсир хуб мерасонад.

Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими дӯстии се кишвари ҳамсоя, махсусан Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон, дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, барои раванди ҳамкориҳо ва рушди соҳаҳои гуногун дар Осиёи Марказӣ назаррас аст.

Ҳамкориҳои судманд бо ҷумҳуриҳои ҳамсоя яке масъалаҳои муҳими роҳнамоӣ ва рушди минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Ин дӯстии барои таърих, фарҳанг ва иқтисодиёти ин халқҳо аҳамияти хосса дорад. Вобаста ба ин, баъзе нуқтаҳои муҳимеро, ки бар пояи дӯстӣ ва ҳамкории ин мамлакатҳо сохта шудааст, ба таваҷҷуҳи шумо мерасонем:

Таърихи дӯстӣ

Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон дар тӯли таърихи садсолаҳо якҷо бо арзишҳои фарҳангӣ, динӣ ва иқтисодӣ ҳамкориҳои судманд доштанд. Барои ин давлатҳо оромӣ ва амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамеша дар маъдди аввал қарор дошт.

Фарҳанг ва мерос

Фарҳанг ва меъроси Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон, ки дар Осиёи Марказӣ ҷойгиранд, фарҳанги бой ва гуногунро инъикос мекунад, ки бар асоси таърихи чандин ҳазорсолаҳо ташаккул ёфтааст.

Ҳар як кишвар дорои хусусиятҳои хос ва арзишҳои махсуси фарҳангӣ дошта, бо ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Ҷашнгирии Наврӯз ва ҷашнвораҳои дигари ин се давлати ҳамсоя аз он далолат медиҳад, ки онҳо дӯстии ҳазорсола доштанд.

Ҳамкориҳои иқтисодӣ

Иқтисодиёти ин мамлакатҳо бо ҳам алоқамандӣ дошта, ҳамкорӣ дар соҳаи тиҷорат, энергетика ва саноати молу маҳсулот барои рушди иқтисодӣ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардумони ин кишварҳои ҳамсоя манфиатовар аст.

Амният

Дӯстии ин халқҳо дар таҳкими амният ва суботи минтақа ба ҳам кӯмак мекунад. Ҳамкориҳои судманд дар мубориза бо терроризм, экстримизм ва манбаъҳои муҳоҷират, роҳу усули мубориза барои рушди ҳамзистии сулҳомез фароҳам меорад.

Дипломатия

Ин кишварҳо муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои сохторҳои давлатиро барои беҳтар гардонидани муносибатҳо тақвият мебахшад.

Дараҷаҳои гуногуни ҳамкории сеҷониба имкониятҳои иловагии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоиро ба вуҷуд меорад.

Дӯстии халқҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон манбаи муҳимтари рушди минтақа буда, дастоварди байнисоҳавӣ, иқтисодӣ ва байналмилалӣ метавонанд бо ҳамкории самарабахши ин халқҳо, дар асл, сулҳу субот ва рушди устувори минтақаи Осиёи Марказиро таъмин мекунад.

Поянда бод дӯстии халқҳо!

Ҳакимова Б.Р. - ходими калони илмии Раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон